# Бобил




ПАС АЗ ТӮФОН НӮҲ БОЗ 350 СОЛ ЗИСТ.
ДАР ДАВРАИ ПЕШ АЗ ТӮФОН УМРИ ДАРОЗ ДИДАН ТАБИӢ БУД. ИН ПЕШ АЗ ҲАМА ДУ САБАБ ДОШТ.
АВВАЛАН, ОНҲО БА КАМОЛОТИ ГЕНЕТИКИИ МАРД ВА ЗАНИ АВВАЛИН НАЗДИК БУДАНД.
СОНИЯН, ЭҲТИМОЛ, МУҲИТИ АТРОФ ПЕШ АЗ ТӮФОН МОНАНДИ ГАРМХОНА БУД ВА ЗАМИНРО ҚАБАТИ ОБ ИҲОТА МЕНАМУД, КИ НУРҲОИ ЗАРАРНОКИ УЛТРАБУНАФШРО ИНЪИКОС КАРДА, БАРОИ РАСТАНИҲОВУ ҲАЙВОНҲО МУҲИТИ ИДЕАЛИИ ЗИСТРО ФАРОҲАМ МЕОВАРД.
ЗАМИНИ ПАС АЗ ТӮФОН ТАМОМАН ДИГАР БУД. ТОПОГРАФИЯ ДИГАР ШУД, АММО ЗАМИН ҲАНӮЗ БАРОИ КИШОВАРЗӢ МУВОФИҚ БУД.
ПИСАРОНИ НӮҲ ФАРМОНИ АҲОЛИНИШИН КАРДАНИ ЗАМИНРО ИҶРО НАМУДАНД ВА ХУДАШОН ПИСАРОНУ ДУХТАРОН ДОШТАНД.
ҲАСТӢ 9:28


НИМРӮД ("ИСЁН") АБЕРАИ НӮҲ БУД ВА Ӯ БАРОИ ОН ЗОДА ШУД, КИ БАР РӮИ ЗАМИН ҶАНГОВАРИ ТАВОНО ШАВАД.
ДАР ИН ВАҚТ ТАМОМИ ОДАМОН ЯК ЗАБОНИ УМУМӢ ДОШТАНД.
АММО ОНҲО БА ФАРМОНИ ХУДО ДАР ХУСУСИ ПАҲН ШУДАН ДАР РӮИ ЗАМИН ИТОАТ НАКАРДА, ДАР ҲАМВОРИИ ҲОСИЛХЕЗЕ КИ ШИНЪОР Ё БОБИЛ НОМ ДОШТ, МОНДАНД.
БИЁЕД, ШАҲРЕ СОЗЕМ, ВА БУРҶЕ КИ САРАШ БА ОСМОН МЕРАСАД; МО НОМЕ БАРОИ ХУД ПАЙДО МЕКУНЕМ ВА БАР РӮИ ТАМОМИ ЗАМИН ПАРОКАНДА НАМЕШАВЕМ.
НИМРӮДИ БУЗУРГ МОРО РОҲНАМОӢ МЕКУНАД.
БИЁЕД, ХИШТ РЕЗЕМ, ВА ОНРО ХУБ ПАЗЕМ.
МО БАРОИ СОХТАНИ ИН ИНШООТИ БУЗУРГ ХИШТҲОРО БА ҶОИ САНГҲО ИСТИФОДА МЕБАРЕМ. ВА МО ҚИРРО БА ҶОИ ГИЛ ИСТИФОДА МЕБАРЕМ.
ҲАСТӢ 10:8-11:4


МО ЭҲТИЁҶЕ БА ОН НАДОРЕМ, КИ ХУДО БАР МО ҲУКМФАРМОӢ КУНАД – ВА НИЗ БА ДАСТУРҲОИ БОБОКАЛОНАМОН НӮҲ ЭҲТИЁҶ НАДОРЕМ.
ИН ШАҲРИ БУЗУРГ МАРКАЗИ ЗАМИН ХОҲАД БУД. ТАМОМИ ОДАМОН БА ИН ҶО БАРОИ ПАРАСТИШ ХОҲАНД ОМАД.
ВА НИМРӮЗ БАР МО САРВАРӢ ХОҲАД КАРД.
Ӯ САРВАР ВА САРКОҲИНИ МО ХОҲАД БУД.
Ӯ ХУДОСТ.
ҲАМИН ТАВР ДАР ИН МАРКАЗИ НАВИ ПАРАСТИШ СОХТМОН САР ШУД.
ОНҲО БА СОХТАНИ БУРГИ КАЛОНЕ КИ САРАШ БА ОСМОН МЕРАСАД, САР КАРДАНД.
ЭҲТИМОЛ ИН ПАРАСТИШГОҲИ КАЛОНЕ БУД, КИ ОНҲО ДАР ОН СИТОРАҲО ВА ЧИЗҲОИ ОФАРИДАШУДАРО БА ҶОИ ХУДИ ОФАРИДГОР ПАРАСТИШ КАРДА МЕТАВОНИСТАНД.
ҲАСТӢ 11:4


ПАРВАРДИГОР БАРОИ ДИДАНИ ШАҲР ВА БУРҶЕ КИ ОДАМОН МЕСОХТАНД, ФУРУД ОМАД.
ХАСТӢ 11:5


АГАР ЧУН ЯК ХАЛҚ ОНҲО ИН КОРРО САР КАРДА БОШАНД, АКНУН ҲЕҶ КОРЕ БАРОЯШОН ҒАЙРИИМКОН НЕСТ.
ПАС ЗАБОНИ ОНҲОРО ОМЕХТА КУНЕМ, ТО СУХАНИ ЯКДИГАРРО ФАҲМИДА НАТАВОНАНД.
FAIRE DE LA PLACE POUR D'AUTRES A REGARDER LES ETOILES DIEU.
WAS SAGST DU IDIOT?
NU POT SA INTELEG CE SE SPUNE!
БА ИН ЗАБОНИ АҶИБ ГАП ЗАДАНРО БАС КУН– ГУМ ШАВ АЗ ПЕШАМ!
ЧӢ ГАП АСТ?! ОЁ МАРО МЕФАҲМӢ?
КАСОНЕ КИ БА ЗАБОНҲОИ НАВ ГАП МЕЗАДАНД, ФАҚАТ ЯКДИГАРРО ФАҲМИДА МЕТАВОНИСТАНД.
ДАР НАТИҶА КОР ДАР БУРҶ БОЗИСТОД ВА МАРДУМ ДАР РӮИ ЗАМИН ПАХН ШУДАНД, ЧУНОН КИ ХУДО  МУҚАРРАР КАРДА БУД.
ҲАСТӢ 11:6-8